# ТОҶИКОНИ ҶАҲОН

Tajik's of the world

Таджики мира

**Пиндори нек, кирдори нек, гуфтори нек**

7 (277) апрели соли 2017




*Холмаҳмад Холов*



*Ашӯриён Шаҳло Сайфуллозода*

Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

# Устоди соҳибэҳтиром



Зиндагӣ амсоли роҳи калони беохир аст, ки бо тай кардани як шоҳроҳи бузург ба назари кас шоҳроҳҳои дигар намудор мешаванд ва инсон боз бо қувваи бузург ба фатҳи ин шоҳроҳҳо низ камари ҳиммат мебандад. Аммо дар ҳар гардишу ҳар пастхамии кӯчаҳо чандин пайомадҳои ногуфтанӣ низ ӯро интизорӣ дорад. Инсон бояд ҳар яки ин пайомадҳоро сарбаландонаву мардона паси сар намуда, афтону хезон роҳ пеш гирад. Ва танҳо инсони муваффақ қодир аст, ки аз ҳамаи имтиҳонҳои ҳаёт сарбаландона гузашта, дар пеши печутобҳои роҳи зиндагӣ сархам набошад.

Яке аз ин гуна инсонҳои сарбаланд доктори илмҳои филологӣ Холов Холмаҳмад Раҷабович мебошад, ки бо намунаи олии зиндагӣ ва дарки баланди зиндагидорӣ барои насли имрӯзу фардо намуна гаштааст. Ин марди шариф зодаи деҳаи Дари ноҳияи Айнии вилояти Суғд аст. Ва мутаваллиди 20 июни соли 1956 буда, тӯли ҳаёти 61-солааш ба дастовардҳои бузург ноил гаштааст. Пас аз хатми мактаби миёна барои адо кардани қарзи шаҳрвандии худ ба хизмати аскарӣ рафта, баъди сарбаландона барои эҳтиёт рухсат ёфтан ба ватан баргашта, ба хулосае омад, ки маълумоташро олӣ мегардонад. Бо ин ниятҳои пок ба факултети филологияи русии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи Т.Г.Шевченко дохил шуда, соли 1983 донишгоҳи мазкурро хатм кард.

Фаъолиятро ба сифати лаборанти факултаи филологияи русии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Т.Г.Шевченко оғоз карда, 14 сол дар ҳамин кафедраву ҳамин донишгоҳ заҳмат кашид. Тӯли ин фурсати фаъолият Холмаҳмад Холов малакаи касбиашро такмил доду барои хуб таълим гирифтану тарбия ёфтани донишҷӯён чораҳои зарурӣ меандешид. Кӯшиш мекард, ки донишҷӯён ба машғулиятҳо бо тайёрии пухта омада, доир ба нозукиҳои фанни забон ва адабиёти рус маълумоти пурраву саҳеҳ гиранд. Ин буд, ки донишҷӯён дар ин давра фаъолияти хуб нишон дода, он замонҳо кадрҳои баландихтисоси давр тарбия ёфтанд. Ин ҳама аз тарзи дурусти корбариву дарсгузории омӯзгорашон дарак медоданд. Холмаҳмад Холов аз вазифаи лаборант то ба дараҷаи мудири фонолабо-раторияи донишгоҳ расида, қобилияти хуби омӯзгориашро нишон дод.

Соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон донишгоҳи нав таъсис ёфт, ки он Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон унвон дошт. Ректори аввалини ин донишгоҳ Абдуҷаббор Сатторов ӯро ба ин ҷо ба кор даъват кард. Ва Холмаҳмад Холов бо ҷону дил ин таклифро пазируфт. Ҳарчанд тарки он даргоҳе, ки тӯли 14 сол ӯро ба худ кашида буд, барояш мушкил буд, вале мефаҳмид, ки донишгоҳ ба кадрҳои баландихтисос ниёз дорад. Ин муҳити корӣ низ ӯро бо оғӯши боз пешвоз гирифта, барояш шароити хуби кориро фароҳам овард. Холмаҳмад Холов аввалин проректор оид ба қисми молиявию хоҷагии донишгоҳ мебошад. Гуфтан ба маврид аст, ки аввалин ташкилкунандагони донишгоҳ ректор Абдуҷаббор Сатторов, Шамбезода Хусрав, Холмаҳмад Холов, Ефимов ва Рустам Кароматов мебошанд.

Ин донишгоҳ баҳри рушду нумӯи маорифи кишвар, илму фарҳанг ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос саҳми арзанда дорад. Зеро дар ин даргоҳ омӯзгорону устодони соҳибтахассус зиёд буда, ҳар яке барои тайёр кардани кадри ҷавобгӯ ба талаботи марбута талош меварзанд. Холмаҳмад Холов дар рушду нумӯи кишвари маҳбубамон саҳми назаррас дорад. Зеро ӯ намунаи инсони комил, устоди мумтоз, шахси тозакору ҷадидфикр ва эҷодкори тоҷикро давоми фаъолияти кориаш дар донишгоҳҳо нишон дода тавонист. Ӯро дар шаҳр ҳамагон мешиносанду эҳтиромашро ба ҷо меоранд, зеро дар ниҳодаш устуворият, дар иродааш қатъият ва ба қавлаш вафодорӣ дида мешавад. Ба ҳар коре, ки даст занад, ҳатман онро то охир мебарад, ба назди утоқи кориаш нафари корафтодае ворид шавад, ӯ ҳатман муаммои он шахсро ҳал мекунад ва ӯро хушҳол меҳисобад. Ӯ нафақат бо тақозои касб, балки бо амри виҷдон ба он гуна шахсон дасти ёрӣ дароз мекунад. Холмаҳмад Холов ҳамин гуна инсони олист.

Ӯ тӯли меҳнати беш аз 20-солааш дар Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон басе заҳмат кашидаасту дар вазифаҳои гуногун фаъолият бурдааст. Муддате ба сифати ёвари ректор, солҳо дар вазифаи мудири кабинети лингофонӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва адабиёти ҷаҳонӣ, ҳамчунин, раиси иттифоқи касабаи донишгоҳ буд. Дар ин фурсат устод Холмаҳмад Холов рисолаи номзадӣ дар мавзӯи «Особенности переводов лирики А.С.Пушкина в таджикской литературе» навишта, онро ҳимоя намуд.

Ӯ барои баланд бардоштани савияи дониши худ дар чандин курсҳои такмили ихтисос таҳсил кардаасту донишашро тақвият додааст. Ба чандин кишварҳои хориҷа рафта, роҷеъ ба ихтисосаш таҳсил намуд, малакаашро такмил дод. Иштирокчии конфронсҳои бисёр буда, дар онҳо доир ба масъалаҳои корӣ суханронӣ ҳам кардааст. Ҳамчун устоди донишгоҳ фаъолияти пурсамар ба роҳ мондааст. Дарсҳои устод хеле шавқовар буда, дар чунин ранг гирифтани дарсҳояш устод сахт заҳмат мекашад. Бисёр ҷустуҷӯ мекунад, бештар мехонад, аз таҷрибаҳои пешқадамаш истифода мекунад. Аммо пешравиашро дар он мебинад, ки дар симои донишҷӯёни

*дар шаҳри Душанбе*

# ва ташаббускор

имрўза ў кадри баландихтисоси фардоро мебинад ва ба ин хотир барои донишандўзии онҳо бо ҳар гуна воситаҳо дарсу машғулиятҳои амалиашро шавқовар мегузаронад, то ин ки фикру диққати донишҷўён ба дарс равона гашта, касби интихобкардаи худро хуб донанд, зеро бе донистани нозукиҳои касб фардоро наметавон сохт.

Устод Холмаҳмад Раҷабович ҳамчун омўзгори баландихтисосу педагоги олимартаба дар навиштани китобҳо низ сарбаландона даст задааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки 3 китоби таълимии таълифнамудаи ў барои насли имрўзу фардо хизмат карда, дониши сиёсии онҳоро баланд мебардорад. Ҳамчунин, устод наздик 40 адад мақолаи илмӣ, 2 монографияву рисола таълиф намуда, барои насли оянда ҷомуси ҷовидонаро ба мерос мемонад.

Ин марди шариф бо вуҷуди зиёд будани фаъолияти меҳнатиаш инчунин ҷамоатчии фаъол низ мебошад. Ў дар донишгоҳ вазифаи хеле масъулияти раисии иттифоқи касабаро низ бо сарбаландӣ ба иҷро мерасонад. Ба фикри ў аз тарзи зисту зиндагии ҷомеаи меҳнатӣ огоҳ будан шараф аст ва инчунин ба ҳамкорону устодон ғамхорӣ намудан мақсаду мароми ин марди шариф аст. Ў барои гузаронидани ҷамъомаду ҷашнҳо саъю талоши зиёд менамояд. Ба фикри ў зиндагии хушбахтона он вақт муяссар мегардад, ки ҷомеа аҳл бошаду ба ҳамдигар дасти ёрӣ дароз намоянд.

Устод барои меҳнати бенуқсонаш борҳо барои гирифтани ифтихорномаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифтихорномаи 20 солагии иттифоқи касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 солагии таъсисёбии Конфендератсияи умумии иттифоқи касаба сазовор гаштааст. Ў дорои нишони «Аълочии маорифи халқ», дорои медалҳои Кумитаи Марказии кумитаи комсомол, бахшида ба 30 солагии азхудкунии заминҳои корам, бахшида ба 10 солагии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, корманди фахрии маорифи Федератсияи Русия, дорои сертификатҳои гуногун ва ғайраҳо мебошад. Собиқаи корин Холмаҳмад Холов ҳамагӣ 40 солро дар бар мегирад.

Имрўзҳо, ки аҳли ҷомеа барои бо дастовардҳои арзанда таҷлил кардани ҷашни фархундаи 20-солагии Ваҳдати миллӣ ва 25-солагии Иҷлосияи тақдирсози миллат камари ҳимматро мустаҳкам баста, заҳмат мекашад, маҳз бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти кишвар, Ҷаноби олӣ, мўҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва азму талоши собитқадамонаи ҳамватанон шаҳру навоҳии мамлакат бо қомат афрохтану бунёд шудани садҳо иншооти замонавӣ боз ҳам ободу зебо гардидаанд. Тоҷикистони азизамон қабои мунаққаш ба бар карда, қалби ҳар як сокини огоҳу бофазилати он аз нури Ваҳдату Истиқлолият ва ифтихори ватандорӣ мунаввар шудааст. Паёми Пешвои миллат барои ҳар нафар дастури беҳтарини фаъолият маҳсуб мешавад. Дар он самтҳои гуногуни ҳоҷагии халқ таҷассум ёфта, роҳи минбаъдаи рушди кишвар ба таври шаффоф зикр гаштааст. Дар он аз ҷумла омадааст: «То замони истиқлолият дар Тоҷикистон 13 муассисаи таҳсилоти олӣ бо 70 ҳазор нафар донишҷў фаъолият мекард. Ҳоло миқдори ин муассисаҳо ба 39 ва шумораи донишҷўён ба 170 ҳазор нафар расидааст.

Илова бар ин, зиёда аз 30 ҳазор нафар ҷавонони лаёқатманди мо аз ҳисоби давлат дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ таҳсил мекунанд».

Холмаҳмад Холов низ аз ҳамин гуна инсонҳост, ки аз ҳар як дастоварду пешравиҳои Тоҷикистони азизаш шод мешаваду шукрона аз он мекунад, ки кишвари орзуҳояш тинҷу мардумонаш шод ҳастанд. Холмаҳмад Холов дар оиладорӣ низ барои насли ҷавон намунаи ибрат дониста шудааст, зеро оилаи намунавии ў аз ҳама ҷиҳат ангуштнамо буда, фарзандонаш эҳтироми волидайну устодонро ба ҷо меоранд, ҳамсарон вазифаи худро дар назди якдигар ва фарзандон ба хубӣ иҷро мекунанд.

Оила мазраи поку муқаддас буда, дар он зану шавҳари хушбахт фарзандони некахлоқро тарбия карда, бо илмҳои замон мусаллаҳ мегардонанд. Дар вуҷуди онҳо меҳр нисбат ба ватан, зодгоҳ, инсониятро парвариш карда, мекўшанд, то ҳар яке аз фарзандонашон ба роҳи рости зиндагӣ раҳсипор гашта, боиси ифтихори авлоду аҷдод гарданд. Зўҳро Холова-ҳамсафару ҳамтақдири Холмаҳмад Холов буда, баробари шавҳари азизаш заҳмат мекашад. Ў солиён дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 86 ба сифати омўзгор фаъолият бурдааст. Ин оилаи хушбахт соҳиби 4 фарзанди солиму солеҳ буда, онҳоро бо меҳр парвариш карданд, ба онҳо тарбияи хуб доданд, таҳсилоташонро олӣ гардонданд, хислатҳои неку олии инсониро дар ниҳодашон парвариш карданд. Ин аст, ки ҳар яке аз фарзандон дар соҳоти гуногуни халқ заҳмат кашида, барои рушду нумуи давлат меҳнати халол доранд. Фарзандонашон Саноат Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистонро хатм карда, имрўз дар таваллудхонаи № 1 ба сифати акушер-генеколог фаъолият мебарад. Саодат низ соҳиби маълумоти олӣ буда, дар Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон ба сифати тарҷумон заҳмат мекашад. Сомонҷон бошад, дар Донишгоҳи лингвистикии шаҳри Москва таҳсил карда, маълумоташро олӣ мегардонад. Суруш ҳоло хонандаи синфи 11 буда, баробари ин мехоҳад пас аз хатми мактаби миёна таҳсилоташро олӣ гардонида, ба халқу давлат хизмат кунад.

Холмаҳмад Холов ҳамчун падар гирди хон нишаста, ҳамеша ба фарзандонаш насиҳатомез сухан мекард. Ў, ки устод, омўзгор, тарбиятдиҳандаи аҳли башар аст, вазифаи худро дар назди фарзандон маҳз дар тарбияи хубу таълими олӣ додани онҳо медонад. Бинобар ин, ба фарзандонаш ҳини сўҳбат таъкид медорад, ки онҳо пеш аз ҳама инсондўст бошанду ватани худро дўст доранд, барои рушду нумуи он саҳм гузоранд. Имрўзи одамӣ ба мисли як сония мегузараду одам аз даргузашти умр нафаҳмида мемонад, бинобар ин, бояд ҳар як дақиқаи умри худро ғанимат дониста, онро сарфи донишандўзӣ, меҳнат ва кори савоб кунем. Беҳуда нест, ки одамони куҳан нагуфтаанд, «Дидадаро шав, ба дида ҷо шав». Ҳар касе, ки аз фармудаҳои Худои мутаол, давлату ҳукумат ва набароядъ, албатта ба муваффақиятҳо мерасад, -таъкид медошт ў ба фарзандонаш. Имрўз худ самараи ин некгуфтаҳояшро дида, аз кораш хурсанд аст.

*Ҳар ки по кач мегузорад хуни дил мо мехўрем,*
*Шишаи номуси миллат дар бағал дорем мо.*

Дар ҳақиқат қадршинос будан беҳтарин хислат аст. Аз ин лиҳоз аз фурсат истифода бурда, миннатдории хешро барои рушди илм, таълиму тарбия ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мўҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори фанҳои филологӣ, профессор Солиҳов Нуралӣ Назарович расониданӣ ҳастам,-гуфт дар хотимаи сўҳбат Холов Холмаҳмад Раҷабович.

**Маҳфуза ОҚИЛОВА,**
**Сапаписо ХУДОЙНАЗАРОВА**